# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Ибодова Саёҳат Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводди адабиёти бадеӣ ва китоби Эмомалӣ Раҳмон «тоҷикон дар оинаи таърих»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Забоншиносии муқоисавӣ, ки ба таҳқиқи системавии забонҳо ба мақсади ошкор намудани хусусиятҳои хос ва умумии онҳо машғул аст, таърихи дерин дорад. Мутафаккирони барҷастаи тоҷик ҳанӯз дар ибтидои асрҳои миёна зимни нишон додани хусусиятҳои хоси забони форсии дарӣ (тоҷикӣ) умумият ва тафовути онро бо забони арабӣ аз тариқи муқоиса муайян кардаанд. Яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии муқоисавӣ таҳқиқи муқоисавии низоми сарфии забонҳо ба шумор меравад. Азбаски феълҳо ва хусусиятҳои маъноӣ ва категорияҳои онҳо дар низоми сарфии забон ҷойгоҳи хоса дорад, бинобар ин аз қадим то кунун мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар забоншиносии тоҷик асарҳои илмии зиёде оид ба муқоисаи феъл бо дигар забонҳо ба чашм мерасанд. Кори диссертатсионии мазкур ба таҳқиқи мушаххаси шаклҳои тасрифнашавандаи феъл: масдар ва феъли ҳол дар забони тоҷикӣ ва муқоисаи онҳо бо забони англисӣ бахшида шудааст. Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл мавзуи доманадорест. Ин мавзуъ аз мавзуъҳои мубрами таҳқиқоти забоншиносӣ эътироф гардидааст.

Аҳаммияти омӯзиши мавзуи таҳқиқот, ҳамзамон, дар он зоҳир мегардад, ки шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар низоми феълии ҳар як забон нақши хосса дошта, бо бисёр хусусиятҳои худ, аз ҷумла корбурд доштан дар сохтори наҳвии забон аз шаклҳои тасрифии феълҳо тафовут пайдо карда, баъзе хусусиятҳои ҳиссаҳои номии нутқро соҳиб мегарданд. Дар айни ҳол шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар таркиби воҳидҳои наҳвӣ дар ҳар як забон дорои вижагиҳои хосе мебошанд, ки зимни тарҷума мушкилоти зиёдеро ба миён меоранд.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Ибодова Саёҳат Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводди адабиёти бадеӣ ва китоби Эмомалӣ Раҳмон «тоҷикон дар оинаи таърих»)» дар ҳақиқат муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ, мубрам ба ҳисоб меравад.

Диссертатсия аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва замима таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 183 саҳифаи чопи стандартии компютериро ташкил медиҳад, ки ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводди илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттетстсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2024, №493)» ҷавобгӯ мебошад.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва хаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Боби аввали диссертатсия “Асосҳои назариявии таҳқиқи шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” унвон гирифта, аз се зербоб иборат аст.

Зербоби аввал “Баррасии мавқеи феъл дар низоми ҳиссаҳои нутқи забонҳои мавриди назар” ном дошта, дар он ҷойгоҳи феъл дар низоми ҳиссаҳои нутқ аз нигоҳи илмӣ таҳлил карда шудааст.

Зербоби дуюми боби якум “Таҳқиқи шаклҳои тасрифнашавандаи феъл ва вижагиҳои хосси онҳо дар забоншиносии муосир” буда, он фарогири баррасии шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забоншиносии муосир мебошад.

Зербоби сеюми боби аввал, ки “Баррасии адабиёти илмӣ роҷеъ ба шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” номгузорӣ шудааст, дар он сарчашмаҳое мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки дар онҳо масоили гуногун марбут ба феъл ва шаклҳои тасрифнашавандаи он таҳқиқ шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия “Хусусиятҳои сохторӣ-семантикии масдар ва мавқеи он дар забонҳои муқоисашаванда” ном дорад ва аз 4 зербоб таркиб ёфтааст.

Зербоби якуми боби дуюм “Масдар ҳамчун шакли ибтидоии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” унвон гирифта, масъалаҳои гузошташудаи он аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудаанд.

Зербоби дуюми боби дуюм “Категорияи грамматикии масдар дар забони англисӣ” унвон гирифта, дар он категорияҳои замон, намуд ва тарз аз нигоҳи илмӣ баррасӣ шудааст.

Зербоби сеюми боби дуюм “Таҳлили вазифаҳои наҳвии масдар дар ҷумла” ном гирифта, дар он вазифаҳои наҳвии масдар дар ҷумлаҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба муайян карда шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия “Таҳлили муқосавии хусусиятҳои сифати феълӣ ва феъли ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” номгузорӣ шудааст, ки аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввали боби мазкур, ки “Баррасии категориҳои сифати феълӣ дар забонҳои муқоисашаванда” ном дорад, категорияҳои дастурии сифати феълӣ дар забонҳои муқоисашаванда баррасӣ шудаанд.

Зербоби дуюми боби сеюм “Баррасии вазифаҳои сифати феълӣ дар ҷумлаҳои тоҷикӣ ва англисӣ” фарогири масоили назариявӣ ва амалӣ марбут ба вазифаҳои сифати феълӣ дар ҷумлаҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Зербоби сеюми боби сеюм “Хусусиятҳои семантикию грамматикии феъли ҳол дар забони тоҷикӣ” номгузорӣ шуда, дар он феъли ҳол ва хусусиятҳои семантикию грамматикии он таҳқиқ гардидааст.

Дар зербоби мазкур вижагиҳои семантикию грамматикии феъли ҳол дар забони тоҷикӣ дар асоси мавод ва сарчашмаҳои таҳқиқ баррасӣ шуда, муайян карда шуд, ки феъли ҳол аз нигоҳи семантикию грамматикӣ дар забони тоҷикӣ ба таври васеъ корбурд шуда, ҷойгоҳи махсусро дар забон ташкил мекунад.

Хулоса ва натиҷагириҳои диссертант мушаххасан банд ба банд ҷамъбаст шудааст ва мазмуни ягонаи силсилавии корро инъикос мекунад. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Ҳамин тариқ, диссертант кӯшидааст он мақсад ва вазифаҳое, ки дар пажуҳиши мавзуи мавриди назар гузоштааст, иҷро намояд ва муваффақ ҳам шудааст.

Хулоса, диссертатсияи Ибодова Саёҳат Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводди адабиёти бадеӣ ва китоби Эмомалӣ Раҳмон «тоҷикон дар оинаи таърих»)» кори анҷомёфта буда, таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби

барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 уми марти соли 2021 №3) ҷавобгӯ буда ҷиҳати сазовор гардидан ба барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) арзанда аст ва барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илми филология, профессор Ҷамшедов Парвонахон

«15» январи 2025

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шаҳри Душанбе, кучаи М.Турсунзода 52,
хонаи 16
Телефон: (+992) 919002053
E:mail:pjam07@mail.ru

Имзои П.Ҷамшедовро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ-и АМИТ Акрамзода Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Суроға: Индекс 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33,
Тел: + 992 37 221 50 83,

«15» январи соли 2025